**ТАҚРИЗ**

**Ба рисолаи илмии Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст:**

Рисолаи илмии Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 12.00.08 Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ки бо Бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.**

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, роҳи сохтмони иқтисодиёти бозоргонӣ ва инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, махсусан истифодаи самараноки сарватҳои зеризаминиро пеша намуд. Бояд қайд намуд, ки асоси муносибатҳои бозоргониро истифодаи самараноки сарватҳои зеризаминӣ, аз ҷумла, металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар бар мегирад. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 22- юми декабри соли 2017, чораҳои мушаххасро оиди ҳифзи иқтисодиёти мамлакат муайян намуданд. Президенти мамлакат, аз ҷумла, қайд намуданд, ки: «мо бояд, минбаъд низ оиди ҳифзи мушкилиҳои соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат кӯшиш намуда, барои истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, кофтуков ва дарёфти сарчашмаҳои нави

болоравии иқтисодиёт, баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар истеҳсолоти ватанӣ, коркардҳо ва иҷроиши технологияҳои нави инноватсионӣ ҳаракат намоем».

Пас аз қабул шудани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1998), зиёда аз 24 сол сипарӣ гашта, дар рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ тағйироти куллӣ ба вуҷуд омаданд. Новобаста ба афзоиши бемайлони ҷинояткорӣ дар ин самт, баъзе паҳлуҳои мубрами қонунгузории ҷиноятӣ мавриди омӯзиш ва баррасии ҳамаҷониба қарор дода нашудааст ва меъёрҳои ҷудогонаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) аз лаҳзаи қабул шуданашон бо пуррагӣ татбиқ нагардидаанд, зеро дарки воқеии онҳо якранг нест. Таҷрибаи судиву тафтишотӣ нишон медиҳад, ки сол то сол афзоиши ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар соли 2008 миқдори умумии ҷиноятҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифташуда рӯ ба афзоиш ниҳода, суръати афзоиш дар муқоиса бо соли 2009 +125%-ро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии ҷиноятҳои бақайдгирифташуда афзоиши шумораи ҷиноятҳои дорои хусусияти иқтисодӣ 6,8 %-ро ташкил дода, шумораи кирдорҳои ҷиноятӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ 9,5 % афзоиш ёфтааст. Дар солҳои 2010 – 2021 бошад, ин тамоюл идома меёбад.

Вобаста ба ин, бояд зикр кард, ки ҷиноятҳои марбут ба қаллобӣ ва сӯиистифода аз боварӣ таъсири зиёди иқтисодӣ доранд. Онҳо метавонанд ба ҳисороти молии шаҳрвандон, корхонаҳо ва давлат оварда расонанд ва зарурати пурзӯр кардани ҷазои ҷиноятиро барои чунин амалҳо таъкид кардананд. Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои қаллобӣ ва сӯиистифода аз боварӣ ба нигоҳ доштани эътимоди мардум ба ниҳоди адолати судӣ мусоидат мекунад. Ин барои нигоҳ доштани субот ва фаъолияти муътадили ҷомеа муҳим аст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, аз он иборат мебошанд, ки

дар Тоҷикистон кори илмии мазкур аввалин пажӯҳиши хусусияти монографӣ дошта доир ба масъалаи зикргардида мебошад, ки дар доираи он муаллиф яке аз аввалинҳо шуда, ҳатто бо назардошти илми ҳуқуқшиносии рус дар заминаи таносуби муқоисавии манъкуниҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ пешбиникардаи м. 253 КҶ ҶТ, таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ гузаронид, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи бовариро дар муқоиса бо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ пешбинӣ менамояд. Навгонии илмии корро таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар партави дигаргуниҳое, ки дар ҳаёти иқтисодии ҶТ ва давлатҳои ИДМ ба амал омадаанд. Дар сатҳи рисолаи номзадӣ ҳаллу фасл намудани мушкилиҳои зиёде, ки ҳатто дар ФР мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд, дар бар мегирад. Дар муносибат бо илми Тоҷикистон бошад, таҳқиқоти мазкур аввалин рисола дар ҶТ мебошад. Дар ҶТ ин мушкилот ба таври амиқ баррасӣ карда нашуда, он дар сатҳи нашр ва таҳлили мухтасар дар китобҳои дарсӣ ва шарҳу тафсирҳо ба КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Мутаносибан бо ин, дар кори таҳқиқотии мазкур бори аввал таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон бо қонунгузории дахлдори давлатҳои аъзои ИДМ бо назардошти тағйирот дар қонунгузории ҷиноятӣ, ки дар м.253 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, гузаронида шудааст.

Навгониҳои рисолаи мазкур бештар дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳод шуда арзёби мегардад, ки чанде аз онҳоро пеш овардан мумкин аст:

Дар саҳифаи 17 диссертатсия муалифи рисола дурст зикр мекунад, ки: «Расонидани зарари молу мулкӣ вобаста аз арзиши молумулк ба чаҳор намуд зарари оддӣ, зарари ҷиддӣ, зарари ба миқдори калон ва миқдори махсусан калон бояд ҷудо карда шавад. Агар ба шаҳрванд аз ҷиноят зарари назаррас нарасида бошад, зарар оддӣ шуморида шавад. Ҳангоми

баҳодиҳии дарача ва андозаи зарар, инчунин ҳангоми муайян кардани категорияи вазнин, калон ва дарачаи махсуси зарар мутобиқи моддаи 253 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми муайян кардани андозаи зарар дар сурати расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ, ба инобат гирифтани вазъи моддии ҷабрдида, шароити зиндагии ӯ ва дурнамои вазъият, аз ҷумла ҳолати равонӣ ва ҷисмонии ӯ дар натиҷаи ҷиноят муҳим аст. Арзиши молиявӣ ё эмотсионалии дороиҳои вайроншуда метавонад ҳам талафоти мустақими моддӣ ва ҳам ҳисороти эҳсосӣ ё дигар талафоти ғайримоддиро дар бар гирад. Аҳаммият барои ҷабрдида дар аҳаммияти молу мулки зарардида дар ҳаёт ё ҳолати ҷабрдида, ки дар гум шудани чизи муҳим ё таъсир ба некӯаҳволии умумии ӯ ифода меёбад, фаҳмида мешавад. Музди меҳнат, мавҷуд будани нафақа ва дигар ҳолатҳои молиявииҷ ҷабрдида, аз ҷумла, даромади умумии оилае, ки ҷабрдида бо он хоҷагии якҷоя зиндагӣ мекунад ва дигар омилҳои дахлдорро ба назар гирифтан лозим аст. Баҳо додан ба арзиши молу мулке, ки объекти ҷиноят буда, солҳои тӯлонӣ истифода мешавад, аз рӯйи нархҳои давлатӣ ё бозорӣ бо дарназардошти ҳолат, сифат ва фарсудашавии молу мулк ҳатмӣ сурат мегирад.»

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:**

Эътимоднокии таҳқиқоти Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзуи таҳқиқот ва рисолаҳои як қатор олимон, ки нуктаҳои назари илмии муосирро дар муомилоти ғайриқонунӣ металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо

инъикос менамояд, ба даст оварда шудааст. Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия инчунин аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пеленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст омадаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:**

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои асосии назариявӣ, инчунин пешниҳоду тавсияҳои амалии он метавонанд, ҳам дар раванди таълим, ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои дахлдори ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фанҳои ба он марбут, аз ҷумла, дар омода кардани адабиёти дахлдори таълимӣ оид ба ин фанҳо ва ҳам дар фаъолияти амалии мақомоте, ки ба соҳаи ҳифзи ҳуқуқ дохил мешаванд, истифода бурда шаванд. Пешниҳодҳои дар кори мазкур омодагардида метавонанд бо мақсади такмили қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузорӣ дар дигар соҳаҳо, ки муомилоти металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табииро танзим мекунанд, истифода шаванд.

Тавсияҳои амалии муаллиф ва хулосаҳои диссертатсия дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатии таъмини бехатарӣ моликияти шахсӣ, инчунин барои танзиму назорати амалишавии барномаҳо ва стратегияҳои дурнамои рушд, инчунин дар татбиқи чорабиниҳои сатҳи институтсионалии давлатӣ ва ғайридавлатӣ оид ба пешгирии ҷинояткори хеле муҳим мебошанд. Ғайр аз ин, хулосаҳо ва маводи диссертатсия метавонанд ба таври васеъ барои самаранок гардонидани фаъолияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ дар самти мубориза бар

зидди ҷиноятҳои иқтисодӣ, истифода шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот 7 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ интишор гардидаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи рисолаи илмӣ бевосита пайвастанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошанд. Дар тадқиқоти диссертатсионии Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳи медиҳанд.

**Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба** Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи ӯ пешннҳод менамоем.

1. Дисертант дар нуқтаи дуюми ба ҳимоя пешниҳодшаванда (пешниҳодҳое, ки аҳаммияти назариявӣ доранд) ибрози ақида мекунад, ки «Расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ дар сурати мавҷуд набудани аломатҳои тасарруф ҳамчун як падидаи таърихӣ ва ҳуқуқӣ дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон то соли 1961 вуҷуд надошт» (саҳифаи 15 диссертатсия ва саҳифаҳои 12-13 автореферат).

Албата бо ин ақидаи муаллифи рисола рози шудан душвор аст. Дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии шуравии сотсиалистии Тоҷикистон саркарда аз соли 1924 то соли 1961 меъёрҳое, вуҷуд доштанд, ки ин кирдорҳои ба ҷамъият хавфнокро дар шакли расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ пешбини мекарданд.

2. Дар нуқтаи панҷуми (саҳифаҳои 16-17 диссертатсия ва саҳифаҳои 13-14 автореферат) ба ҳимоя пешниҳодшуда (пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ равона гардидаанд) муаллиф ибрози ақида мекунад, ки «Аз таҳлили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии амалкунанда ва қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ оид ба ҷавобгарӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба намудҳои мушаххаси расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ворид намудани меъёрҳои алоҳида лозим аст. Аз ҷумла, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти зерин пешниҳод карда мешавад: бо дарназардошти аҳаммияти иҷтимоии соҳаи энергетикӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ масъалаи ҷорӣ намудани ҷинояти мушаххасро барои истифодаи ғайриқонунии қувваи барқ ва дигар намудҳои энергия, ки зарари калон расонидааст (моддаи 153/1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон)». Ба ақидаи мо ҷори намудани меъёри иловаги барои истифодаи ғайриқонунии қувваи барқ ва дигар намудҳои энергия зарурат надорад, чунки моддаи 253 дар баргирандаи ҳамаи ин амалҳо мебошанд.

3. Дар мубрамияти рисола аз тарафи муаллиф омори содиршавии ҷиноятҳои иқтисоди ва махсусан расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ барои солҳои 2012-2022 пешбини шудааст (саҳифаи 7 диссертатсия ва саҳифаи 5 автореферат), аммо соли 2023 ва қисмати аввали соли 2024 омори ҷиноятҳои зикргардида оварда

нашудааст, хуб мешуд, ки рисоланавис дар раванди ҳимояи ошкоро ба ин масъала равшани меандохт.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия;**

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни таҳқиқот ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи номзади илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад. Зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, мусоидат карда, боиси он мегардад, ки падидаи мазкур дар илми ватанӣ такмил ёбад. Дар маҷмуъ, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди илм ва қонунгузории ҷиноятӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хусусан фаъолияти судҳо ва такмили соҳа аҳаммияти муҳим доранд. Ҳамзамон, хулоса ва натиҷаҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи консепсияҳои давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси ҳуқуқи ҷиноятӣ, таъини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо, ҳангоми иҷрои корҳои

мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо, инчунин дар амалия ва дар рафти тафтишоти пешакӣ ва судӣ метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон.-ро нишон медиҳанд.

Дар умум, Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои хуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад. Бояд иброз намуд, ки таҳризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

Муқарризи расми:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон Абдуҳамитов В.А.

Имзои Абдуҳамитов В.А.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.
«19» апрел 2024 сол

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон, 734000, ш.Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода 30; 734025; (+992) 37 221-35-50; p.rektora@mail.ru; https://www.rtsu.tj.**